*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

Моҳи сентябри соли 2022, №7 (84)

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

*31-умин солагарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак!*

## Суханронии ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Исозода Диловаршоҳ Тариқ ба муносибати ҷашни 31 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муҳтарам омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандони донишкада, меҳмонони гиромиқадр, имсол мардуми шарафманди тоҷик ва тамоми тоҷикзабонони олам дар партави сиёсати хирадмандонаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатиро дар фазои амну осоиш ва рушду нумӯъи Ватан таҷлил намуда истодаанд.

Пеш аз ҳама бо шарофати соҳибистиқлолӣ, Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай ва устуворона барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии мамлакат ҷаҳду талош варзида истодаанд. Агарчӣ дар 20-соли охир дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаҳои саноатӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар афзоиш ёфта бошад ҳам, вале ба хотири бештар кардани тавлиди маҳсулоти саноатӣ ва таъсиси корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти ивазкунандаи воридот, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафи чоруми миллӣ ва солҳои 2022-2026-ро "Солҳои рушди саноат" эълон намудаанд.

Ҳамзамон, бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи нерӯи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 нерӯгоҳҳои барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ бунёду таҷдид ва дар маҷмӯъ, 75 фоизи инфрасохтори энергетикаи кишвар навсозӣ гардида, беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ низ бунёд гардиданд.

Аввалин бор дар таърихи навини Тоҷикистон бо кашидани хатҳои нави баландшиддати нерӯи барқ миёни минтақаҳои ҷумҳурӣ системаи ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд оварда шуд, ки он устувории фаъолияти соҳаи энергетикаро таъмин намуд.

Истеҳсол ва истифодаи "энергияи сабз" аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатпазири иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ин самт ҳоло дар мамлакат лоиҳаҳои бузурги бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар 7 соли оянда аз ҳисоби бунёди НБО "Роғун" ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии "Норак", "Сарбанд" ва "Қайроқум" иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 ҳазор мегаватт афзоиш дода мешавад.

Дастоварду накшаҳоиояндасози дар боло зикргардида моро, хусусан шумо-донишҷӯёнро вазифадор месозанд, ки илму технологияи муосир, инчунин забонҳои хориҷиро азхуд намуда, бо рафтору кирдору гуфтори неки худ намунаи дигарон бошем, дар оянда ҳамчун мутахассисони лаёқатманди соҳаи энергетика дар ҳамаи самтҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ фаъолият кунед ва дар ободию пешрафти ояндаи Ватани азизамон-Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузоред.

Барои амалӣ шудани ин ниятҳои нек роҳбарияти олии мамлакат ва бахусус Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи шарту шароитҳои зиндагию таҳсилро фароҳам овардаанд. Имрӯз Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дорои синфхонаю озмоишгоҳҳои бо технолгияи навтарин ҷиҳозонидашуда, аз ҷумла 78 синфхонаи таълимӣ, 28 синфхонаи озмоишгоњи замонавї ва зиёда аз 100 номгўи дастгоњу тањњизоти озмоишї мебошад. Барои таҳсилу зиндагии арзандаи донишҷӯён бошад хобгоҳ барои 880 донишҷӯ, ду толори варзишӣ, варзишгоҳ, ошхона ва китобхона хизмат мерасонанд.

Дар соли таҷлили 31-солагии Истиқлолият дар донишкада ба хотири татбиқи амалии барномаи давлатии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф солҳои 2020-2040" ва муаррифии дастовардҳои илмии донишҷӯён, унвонҷӯён, омӯзгорон ва дигар доираҳои илмӣ, аввалин нусхаи маҷаллаи илмии "Паёми Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон" аз чоп баромада дастраси хонандагон гардид.

Ҳамасола дар донишкада ба тайёрии амалии донишљўён диќќати зарурї дода шуда, таљрибаомўзињо дар сатњи зарурї гузаронида мешаванд. Таљрибаомўзии донишљўёни донишкада дар асоси шартномањои тарафайн мувофиќи ихтисосњо дар зиёда аз 30 ташкилоту корхонањои саноатї ва нерўгоњњои барќии вилоят ва ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

Мо умед дорем, ки кормандон, омӯзгорону донишҷӯёни донишкада бо масъулияти бузург аз соҳибистиқлолии Ватан, барои ояндаи боз ҳам хубтари зиндагӣ ва пойдорию ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, минбаъд ҳам саҳми сазовор мегузоранд.

***Бори дигар Иди фархундаи 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароятон муборакбод мегӯям. Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.***

# ИСТИҚЛОЛ ВОЛОТАРИН ВА ПУРАРЗИШТАРИН ДАСТОВАРДИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТИ ТОҶДОРИ ТОҶИК




Дар ҷаҳони пурталотуми муосир Тоҷикистон, ки бо ниёзи рӯзафзун ва таъйини тадвин аз истиқлоли хеш истиқбол дорад, давлатест, ки мавҷуд аст, сиёсат дорад, майдони зиндагии хеш меҷӯяд, иқдомҳо анҷом медиҳад ва ба сӯи оянда менигарад. Истиқболи истиқлол назар ва нишонаи давлатдорӣ аст. Маҳз дар ин айём мо худро мешиносем ва ҳуввияти хеш меҷӯем.

Маълум аст, ки эъмори як давлат падидаи довталабона аст ва замоне метавонад пойдор монад, ки дар бунёди истиқлолияташ устувор бошад ва ҳама ниёз ва иттиҳодро барои бақои саодат муфид донад. Маҳз дар чунин давлат дарахти ҳуввиятшиносӣ аз ин гуна иттиҳоди муштарак, аз чашмаҳои таърих, таҷриба ва ифтихороти миллӣ, об мехӯрад. Тоҷикистон кишваре аст, ки аз лиҳози таърихӣ давраҳои заррине аз тараққиро, ба вижа дар арсаи илм ва фарҳанг таҷриба кардааст. Бо ин ҳама маънӣ ин кишвар қодир аст роҳи рушду беҳбудӣ ва муқаддам дошта бошад. Фақат тафаккури истиқлоли миллӣ уфуқҳои диди равшанро боз ҳам рӯшантар сохта, густариш медиҳад ва дурнамоии хешро ғановат мебахшад. Ин гуна тафаккур ҳеҷ гоҳ ақидаи бегонаро ҳадафи худ қарор намедиҳад ва миллати хешро қурбони андешаҳои бего¬на намесозад.

Сиву як соли истиқлоли мо мактабҳо ва дарсҳо дорад ва давлатдорӣ, замонҳо ва маконҳоро ба ёд меоварад. Имрӯз зери парчами истиқлол ҳастем ва нерӯҳои хешро самимона ва садоқатмандона дар роҳи истиқлол, ки пайроҳаи сулҳу субот аст, мепайвандем. Инро ҳам медонем, ки имрӯз шикастаниҳо, аз гӯр гирифтаниҳо қоидаҳои сиёсӣ-динӣ мегиранд. Аммо, аз ҳар ҷиҳат, аз ҳар паҳлу созандагӣ эҷод мекунем, пайвастагиҳоро бо номи ҳуввият лафз мекунем.

Давлатдории имрӯзи мо падидаи нодире дар саҳнаи таърихи ҷомеаи башарият аст, ки ба гузаштаи мо зару зевар медиҳад. Возеҳ аст, ки давраи созгории мо фароҳам омад, ки барои нақшфоариниши мо муҳим аст. Ба вижа дар густариши мо, баҳри истиқлоли мо ва густариши он ба сӯи ҳадафҳои бунёдкорӣ ва созандагӣ аҳамият дорад. Ҳамвора як ҳаракати нерӯманд пешравии моро раҳбарӣ менамояд ва онро намоён месозад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мо як намунаи ҳаракати пешрафт аст, ки моро раҳбарӣ менамояд ва иллатҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро матраҳ месозад. Бунёдкорӣ ва созандагӣ пodoши истиқлол аст. Мо имрӯз дар бунёдкорӣ ва созандагӣ дармону ормонҳои хешро ошкор месозем ва дарандоми истиқлол худро мебинем.

Гузаштаи мо дар масири таърих бо хати сурх ҷовидона навишта шудааст ва имрӯз дар зикри мо, саъйи мо, эҷоди мо боқӣ мондааст ва дар густариши давлатдо¬рии имрӯзи мо кофӣ аст. Ҳар гуна истиқлол мисли кӯдакест, ки ба майдон меояд, барои дифои худ ғаш мекунад ва хонавода ба сӯи зиндагӣ шудани ӯ талош мекунад. Бо қудратмандӣ ва нерӯмандии фарзанди боифтихори тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлол ба даст овардем, ҷанги таҳмилиро паси сар кардем ва зиндагии хешро идома додем ва имрӯз Тоҷикистон ба унвони як нерӯи қудратманди сиёсӣ дар саҳифаи сиёсии ҷаҳон нақш дорад.

Мо борҳо гуфтем, ки истиқлоли мо барои мо танҳо ба унвони як андешаву эътиқод ва фақат як мактаби фикрӣ нест, балки истиқлоли мо барои мо муҳимтарин бақо аст, ки ҳастии мо, мавҷудияти мо, вуҷуди мо ва худшиносии мо барои худсозии мо дар он хулоса мешавад. Касе, ки ба ин ҳақиқати айнӣ шак дорад, бешак ғафлатзада ва ё бегона аст. Мо имрӯз давлат месозем ва мехоҳем, ки истиқлоли мо мустақим бошад ва дар ин ҳолат ҳеҷ чора ва ҳеҷ таблиғи сархӯрдае пеши моро нахоҳад гирифт.

Ҳамаи талошҳои мо, зарурати шинохти мо, барои худсозии мо таъйини мактаби давлатдории мо дар пайраҳаи истиқлол фишорҳо, таъсироти сиёсӣ-динӣ, таблиғотҳои нотавонро пушти сар мепартояд. Мо дониста будем ва имрӯз донистем, ки барои пойдории давлатдорӣ мо бояд андешаҳои қавӣ дошта бошем, то бо шароити фикрӣ ва зеҳнӣ маънии истиқлоли хешро такмил диҳем.

Судури истиқлоли мо, судури андешаҳои мо маънавиёти давлатдории мо аст. Имрӯз давлатдории мо ба унвони як нерӯи сиёсии ҷаҳонӣ пазируфта шудааст. Пирӯзии истиқлоли мо дар талошҳои доимии мо, ки баҳри такмилу густариши давлатдории тоҷик аст, дар истиқлол, ҳуввияти миллӣ, дар худшиносӣ баҳри худсозӣ тавзеҳ ва такмил меёбад.

***Гулмирзоев С.Б.,***
***саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ***



# РӮДАКӢ РАФТУ МОНД ҲИКМАТИ ӮЙ...

**(Бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ)**



Дар таърихи илму адаби ҷаҳонӣ адабиёти форсӣ- тоҷикӣ маҳз бо шеъри ҳикматӣ мақоми баланд касб кардааст. Шеъри ҳикматӣ-фалсафӣ реша, бунёд, поя ва асоси адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буда, дар ҷаҳони фарҳанги башарӣ бевосита бо асли фалсафӣ доштанаш маъруфият пайдо кардааст.Асолати фалсафии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бузургтарин муваффақияти илму фарҳанги ҷаҳонӣ маҳсуб шудааст, то ҷое ки донишманди шаҳир ва муаррихи варзидаи илм Ҷорҷ Сартон таъкид мекунад, ки илми ҷаҳонӣ ду комёбии бузург дорад: яке фалсафаи юнонӣ ва дигаре адабиёти форсӣ.

Ин комёбӣ ва муваффақияти бузурги илми ҷаҳонӣ, ки ба адабиёти форсӣ мутааллиқ аст, ба шарофати саъю талош ва заҳматҳои фаровони шоирон, ҳакимон ва андешамандоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Хайём, Аттор, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз ба даст омадаанд.

Бояд тазаккур дод, ки шеъри ҳикматии адабиёти форсии тоҷикӣ реша ва заминаҳои амиқи фикрӣ андар таърихи башарӣ дорад. Таърихи илму фарҳанги бостонии мардуми форс-тоҷик ба он гувоҳӣ медиҳад, ки суханпарварӣ, андешамаандӣ ва нуктапардозӣ барои иронитаборони қадим ҳунари асил ҳисобида шуда, адабу фарҳанг ба онҳо шукӯҳу таҷаммул ато мекардааст . Ин аст, ки шеър (адабиёт) ва андешамандию нуктапардозӣ аз бомдоди таърихи фарҳанг ҳамқадаму ҳамқисмати эрониаслон буда, онон тавассути ин ду илми бунёдӣ ба зиндагии хеш маъною сомон мебахшидаанд. Ба ин далел, шеър фалсафаи амалии ақвоми эронӣ будааст ва дар ҳамбастагӣ бо суханварӣ ва андешамандию нуктапардозӣ ҳаёти онҳоро тартибу низом мебахшидааст. Ин ойини андешамандӣ ва суннати нуктапардозӣ аз фарҳанги эронӣ ба фарҳангҳои дигар интиқол ёфта, ба расму одоти онон таъсир ва нуфуз мекунад.

Устод Рӯдакӣ дар қаламрави адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба сифати ҳаким низ шинохта шудааст ва аз ҷониби мутақаддимину мутааххирин ба унвони ҳаким шарафёб гардидааст. Ҳаким маънои файласуфро дорад ва файласуф касест, ки инсон ва ҷаҳону зиндагиро бо дидаи бинотаре нигариста, он чиро ки дигарон дарнаёфтаанд, дармеёбад.

Рӯдакӣ бо шеъри баландмазмуни худ дар байни муосирини суханвар шӯҳрати тамом пайдо кард, то ҷое ки вазири донишманди Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ Абулфазли Балъамӣ ӯро чунин тавсиф кардааст: «Рӯдакиро дар Арабу Аҷам монанд набошад».

Дар замони зиндагии Рӯдакӣ шоироне, ки ба унвони ҳаким ёд мешуданд, кам набуданд. Шаҳиди Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Мантиқии Розӣ, Абӯшакури Балхӣ, Фароловӣ аз зумраи шоироне буданд, ки ба унвони ҳаким машарраф гардидаанд. Муҳаққиқи варзидаи зиндагӣ ва осори Рӯдакӣ Саид Нафисӣ таъкид мекунад, ки дар замони зиндагии шоир 350 нафар шоирону донишмандони муқтадир зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Дар миёни анбӯҳи шоирону донишмандони забардаст, ки муосири шоир буданд, мартабаи баландро касб кардани устод Рӯдакӣ осон набуд.

Муҳаммад Авфӣ аз ақлу заковати Рӯдакӣ сухан ба миён овардa, аз ҷумла менависад: «Чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон ба тамомат ҳифз кард ва қироат биёмӯхт ва шеър гуфтан гирифт, чунонки халқ бар вай иқбол намуданд ва рағбати ӯ зиёдат гашт». Дар байни шоирону донишмандони замони худ соҳибэҳтиром ва пешгом будани устод Рӯдакӣ гувоҳи он аст, ки ӯ воқеан, шоири тавоно ва ҳакими бузург будааст. Шоир ва ҳакими бузург Шаҳиди Балхӣ, ки аз муосирини шоир буд, сухан ва шеъри Рӯдакиро ба Қуръон монанд карда мегӯяд:

***Ба Сухан монад шеъри шуаро,***
***Рӯдакиро суханаш тилви нубост.***

Ҳаким Кисоии Марвазӣ Рӯдакиро «устоди шоирони ҷаҳон» номида, худро ҳатто хоки кафи пойи ӯ намеҳисобад:

***Сад як аз ӯ туӣ Кисоӣ баргаст.***
***Хоки кафи пойи Рӯдакӣ нашавӣ ту,***

Аз сарчашмаҳои адабӣ бармеояд, ки Рӯдакӣ аз улуми ақлӣ ва нақлии замонаш ба хубӣ огоҳӣ дошта, дар баъзе аз улум ба дараҷаи устодӣ расида будааст.

Муҳтавои навиштаи мо дар мавриди Рӯдакӣ ва шеъри ҳикматӣ дар ин чанд нуктаи асосӣ ҷамъбаст мегардад:

Рӯдакӣ шоири зиндагист, яъне дар ашъораш аз зиндагӣ ва муқаддасоти он дифоъ мекунад. Шоир зиндагиро устод ва раҳнамои инсоният шинохта, таъкид мекунад, ки барои аз дафъи балоҳо наҷот ёфтан, аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бурдан лозим меояд:

***Биравзитаҷрибаирӯзгорбаҳрабигир,***
***Кибаҳридафъиҳаводистуробакороояд.***

Рӯдакӣ шоири хирадварз аст, ҳамвора аз хирад-аз ин ҷавҳари шариф, ки инсонро инсоният, ҳуввият ва шахсият мебахшад, дифоъ намуда, мардумро ба ҷустуҷӯи ин ганҷи саодатбахш даъват мекунад:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Шоир бо чашми хирад нигаристани ҷаҳон ва бо некию накӯкорӣ обод кардани онро ҳадафи аслӣ ва ниҳоии инсони хирадварз медонад. Рӯдакӣ ба ҷаҳон бо дидаи фалсафӣ назар медӯзад ва ин тарзи биниширо ба дигарон низ тавсия мекунад:

***Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,***
***Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.***
***Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,***
***Киштие соз, то бад-он гузарӣ.***

Ҳамин тариқ, устод Рӯдакӣ тариқи шеъри ҳикматӣ аз суханварони муосираш болотар, рӯшантар ва амиқтар ҷомеаи инсонӣ, ҷаҳон ва кайҳонро мавриди тасвир қарор додааст. Ба ин маъно, қофиласолори шеъри ҳикматии форсӣ- тоҷикӣ устод Рӯдакист, ки дар паҳнои андешаи инсонӣ бо тарозуи хирад сарнавишти инсон, ҷаҳон ва зиндагиро андозагирӣ намуда, тариқи шеъри марғубу дилписанд ба мардум баён кардааст. Зиёда аз ҳазор сол аст, ки ҳикмати ин марди бузург боқӣ мондааст ва ҷовидонӣ боқӣ хоҳад монд, чунки ҷавҳари онро хирад ва дониши созандаи инсонӣ ташкил мекунад. Ба қавли шоир:

***Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,***
***Май бирезад, нарезад аз май бӯй***

***Абдуалиев Б.С.,***
***омӯзгори Донишкада***

# ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР ДОНИШКАДА



Бахшида ба ҷашни 31-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 8-уми сентябр дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон чорабинии фарҳангӣ тахти унвони «Истиқлол - дастоварди пурарзиши миллат» баргузор гардид. Дар чорабинӣ сараввал ректори Донишкада Исозода Диловаршоҳ Тариқ суханронӣ карда, ҳамаи устодону кормандон ва донишҷӯёнро таҳнияту муборакбод намуданд.




Ҳамчунин мушовири ректор устод Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир низ сухан намуда, қайд карданд, ки “Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиноснomaи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.”

Дар ҳошияи чорабинӣ як қатор устодону кормандон ва донишҷӯёни фаъоли Донишкада аз ҷониби Раёсати Донишкада бо сипосномаву ифтихорномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.





Дар охир аз ҷониби дастаи фарҳангии “Нурафшон”-и Донишкада ва дастаи ҳунармандони театри давлатии драмавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар баҳри болидахотирии тамошобинон барномаи консертии хуберо пешкаш намуданд, ки иборат аз суруд ва раҷсу хурсандӣ буд.

*Оятулло Кобулов ,*
*мутахассиси кор бо ҷавонон ва варзиши Донишкада*

НУРАФШОН

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Сармуҳаррир:

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

*ТАРРОҲ:* Абдуалиев Б.С.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.
Ба хотири гуногунандешӣ маtолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионнӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.

Сомонаи интернетӣ: www.det.tj